**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Шарипов Самандар Самариддинович дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, пешниҳод шудааст (Душанбе, 2023. – 27 саҳ.).**

Автореферат дар шакли матн дар ҳаҷми 29 саҳифа пешниҳод шуда, аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, қисмҳои асосии таҳқиқот (фишурда), хулоса ва тавсияҳое, ки дар он ҷамъбасти мухтасари таҳқиқот дарҷ гардида, инчунин, феҳристи интишороти муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия иборат мебошад.

Аз таҳлили автореферати рисолаи илмии Шарипов Самандар Самариддинович бармеояд, ки муқаррарот оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон дар моддаи 294 Кодекси ҷиноятии ҶТ пешбинӣ гардида, масоили татбиқи он ҷавҳари асосии автореферати диссертатсияи муаллифи рисоларо ташкил медиҳад.

Мавзуи диссертатсияи Шарипов С.С. ба яке аз масъалаҳои муҳимми дорои аҳамияти назариявӣ ва амалидоштаи қисми махсуси ҳуқуқи ҷиноятӣ бахшида шуда, он ба такмили минбаъдаи қонунгузории ҷиноятӣ, амалияи тафтишӣ ва судӣ нигаронида шудааст.

Бояд зикр намуд, ки мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар шароити кунунии Ҷумҳурии Тоҷикистон мубрам ва зарурӣ буда, таваҷҷуҳи бештари мутахассисони соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва амалияи тафтишӣ ва судиро талаб мекунад. Пас аз соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон рисолаи мазкур яке аз аввалин таҳқиқоти илмӣ бо забони давлатӣ дар соҳаи илми ҳуқуқи ҷиноятии ватанӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳамин тавр, дар автореферати диссертатсия мубрамияти мавзуи таҳқиқот асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши мавзуи таҳқиқот, объект ва предмети мавзуи таҳқиқот, мақсад ва вазифҳои он, асосҳои методологӣ, асосҳои назариявии таҳқиқот, навгонии илмӣ ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии диссертатсия муайян карда шуда, оид ба саҳми шахсии довталаб, тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, сохтор ва хаҷми диссертатсия ба таври зарурӣ муқаррарот пешбинӣ гардидааст.

Хулоса ва тавсияҳои дар таҳқиқот пешбинишуда, боэътимод ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок буда, бо усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмии дар таҳқиқот истифодашаванда таъмин карда шудаанд. Бисёре аз муқарраротҳо, хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар таҳқиқот баён шудаанд, навгонии илмӣ мебошанд.

Аз таҳлили амиқ ва баррасии ҳамаҷонибаи масъалаҳои дар автореферат зикргардида ба хулосае омадан мумкин аст, ки сохтори таҳқиқот пай дар пай ва бо риояи мантиқи илмӣ таҳия гардидааст. Автореферати диссертатсия ҳамаи талаботҳои ҷойдоштаро дар худ ифода намуда, натиҷаҳои пурра ва босамари таҳқиқотро инъикос намудааст.

Аз рӯйи автореферати навишташудаи муаллиф чунин натиҷаҳои кори илмии мазкурро муайян намудан мумкин аст:

а) дар натиҷаи таҳқиқоти диссерататсионӣ таърихи ташаккул ва рушди ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон дар таърихи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст;

б) таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон мувофиқи қонунгузории ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ ба таври мушаххас нишон дода шуда, муаллиф ҳамаи давлатҳои ИДМ-ро вобаста ба мавҷудияти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон ба ду гуруҳ ҷудо намудааст;

в) яке аз масъалаҳои дар назари аввал одӣ, вале дар асл мураккаб ва баҳсталаб, масъалаи мафҳумҳои «истеҳсолкунанда», «иҷрокунанда» ва «фурӯшанда», ки метавонанд истеъмолкунандаро фиреб диҳанд, мебошад, ки муаллиф бо такя ба м. 23 КҶ ҶТ ва бо васеъ намудани доираи субъектони м. 294 КҶ ҶТ роҳи ҳалли масъалаи мазкурро пешниҳод намудааст;

г) маҳакҳои фарқкунанда ва квалификатсионии м. 294 КҶ ҶТ аз дигар ҷиноятҳо, ба монанди м. 247 КҶ ҶТ аз ҷониби муаллиф бо дарназардошти фикру ақидаи олимони соҳа муайян гардидаанд;

ғ) бо мақсади пешгирӣ намудани эҳтимолияти декриминализатсия намудани ҷинояти фиреби истеъмолкунандагон, аз ҷазо дур мондани баъзе аз категорияи субъектон, пурра, ҳаматарафа ва объективона баҳо додан ба кирдори содиршуда, бо назардошти принсипи инсондӯстӣ диспозитсия ва эзоҳи м. 294 КҶ ҶТ аз ҷониби муаллиф дар таҳрири нав пешниҳод карда шудааст.

Аз мазмуну муҳтавои автореферати мазкур бармеояд, ки муаллиф то ҳадди зарурӣ масъалаҳои дар наздаш гузошташударо ҳал намудааст, вале новобаста ба ин, баъзе масъалаҳое дар ин самт ҳамоно боқӣ мондаанд, ки таҳлилу баррасии алоҳидаро талаб менамоянд.

Яке аз масъалаҳои асосӣ дар ҳуқуқи ҷиноятӣ, ин ҷавобгарии ҷиноятӣ ё худ таъини ҷазо барои ҷинояти мушаххас ба шумор меравад. Аммо аз таҳлили автореферати мазкур бармеояд, ки вобаста ба таъини ҷазо барои фиреби истеъмолкунандагон муаллиф ҳангоми ба амал баровардани таҳқиқоти диссертатсионӣ, диққати худро равона накардааст. Ҳамчунин, вобаста ба ин масъала, дар қисмати хулоса ва тавсияҳои автореферат муаллиф андешаҳои худро ифроз накардааст. Шояд масъалаи мазкур дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ мавриди муҳокима қарор гирифта бошад, бинобар ин, пешниҳод менамоем, ки дар ин маврид муаллиф андешаҳои худро иловатан ҳангоми дифои рисолаи илмӣ ироа намояд.

Гуфтаҳои болозикр ба мазмуну моҳияти диссертатсияи муаллиф костагӣ ва духурагиро ба миён наоварда, баръакс василаи пурра ва мустаҳкам намудани онро ифода менамояд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 8 мақолаи илмии муаллиф инъикос гардидааст, ки аз ин шумора 4 адади он дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

Боиси зикр аст, ки таҳқиқоти анҷомдодаи Шарипов С.С. дар умум мусбат арзёбӣ мегардад, зеро он нахустин пажуҳиши илмӣ бо забони давлатӣ оид ба масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон буда, барои муҳаққиқони оянда заминаҳои мусоидро дар илми ҳуқуқшиносии ҷумҳурӣ мегузорад.

Дар маҷмуъ, бояд қайд намуд, ки автореферати диссертатсияи номзадии Шарипов С.С. мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, дар он масъалаҳои дар назди муаллиф гузошташуда, аз лиҳози илмӣ пай дар пай ва асоснок матраҳ гардида, аз рӯйи диди тоза ва мантиқ таҳлил шуда, сазовори баҳои мусбат аст.

Таҳлили автореферати мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки таҳқиқоти диссертатсионии Шарипов С.С. дар шароити имрӯза муҳим ва зарурӣ арзёбӣ гардида, ба талаботи муқарраркардаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, аз тарафи муаллиф мустақилона таълиф гардида, дорои ягонагии дохилӣ, натиҷа ва нуктаҳои нави илмӣ мебошад. Таҳқиқоти мазкур саҳми шахсии муаллифро дар соҳаи илм нишон медиҳад ва муаллифи рисола Шарипов С.С. сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
Декани факултети ҳуқуқшиносии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қодирзода Д.С.

**Имзои Қодиров Д.С.-ро тасдиқ мекунам:**
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои
махсуси Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳомидов Ш.Б.

**«21» 12 2023 с.**

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33; Тел.: (+992) 37 224-17-86; факс: (+992) 37 224-17-86; сомона: www.apa.tj; E-mail: info@apa.tj.